ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология.

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат ба шиносномаи ихтисоси 1.5.21.Зоология, ба бандҳои 1, 2, 4, ва 5 мувофиқат мекунад:

Банди 1. Таснифот (систематика). Тавсиф ва нишон додани организмҳо, таснифоти онҳо аз рӯйи воҳидҳои гуногуни таснифотӣ (таксонҳо), сохтори фенетикӣ, генетикӣ, морфометрии воҳидҳои таснифотӣ (таксонҳо);

Банди 2. Фауна (фаунистика). Таркиби намудӣ, сохтор ва динамикаи маҷмуи фаунавӣ (фаунистика) аз лиҳози назариявӣ - типологӣ, манзаравӣ - ҷуғрофӣ;

Банди 4. Морфология. Шакл ва сохти зоҳирии ҳайвонот дар инкишофи фардӣ (онтогенез) ва таърихӣ (филлогенез);

Банди 5. Экологияи фардҳо, популятсия ва ҷамоаҳо. Таъсири омилҳои гуногуни муҳит (табиӣ ва антропогенӣ), қонуниятҳои вокуниши ҳайвоноти гуногуни гурӯҳҳои систематикӣ ба ҷузъиёти биотикӣ ва абиотикӣ дар шароити биогеотсенозҳо, ҷанбаҳои амалии экологӣ (муҳофизат ва истифодаи оқилонаи ҳайвонот).

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти илмии Давлатзода Одинашо Муҳаббат дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад, чунки зараррасонҳои растаниҳои субтропикӣ, аз ҷумла буттаи анор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра омӯхта нашудааст. Аз ин сабаб муайян намудани таркиби намудии зараррасонҳо, омӯзиши амиқ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокро тақозо менамояд. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии растаниҳои кишоварзӣ, аз ҷумла анорбоғҳо дар баробари андешидани дигар чораҳо, ин сари вақт пешгирӣ кардани анорбоғҳо аз ҳашароту канаҳои зараррасон маҳсуб меёбад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшудаи унвончӯ бар меояд, ки қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ аз ҷиҳати шароити иқлимӣ барои парвариши анор ва бунёди анорбоғҳо мусоид мебошад.

Дар баробари дигар соҳаҳои кишоварзӣ анорпарварӣ низ яке аз самтҳои асосии соҳаи боғдории кишвар буда, аз ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат мавқеи муайянро ишғол менамояд.

Баланд бардоштани ҳосилнокии боғҳои анор на танҳо аз технологияи парвариши он, балки ҳимояи он аз зараррасонҳо вобастагии калон дорад. Бинобар ин, барои пешгирӣ аз паҳншавии зараррасонҳо истифодаи усулҳои гуногуни илман асоснок заруранд. Муваффақият ва самаранокии мубориза аз сари вақт андешидани тадбирҳо вобастагии калон дорад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар рисолаи илмии Давлатзода О.М. дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» дар сатҳи баланди илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботҳои мукрраргардида пешниҳод гардидааст. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф таркиби намудӣ, хусусиятҳои биоэкологӣ, зараррасонӣ, махсусияти ғизогирӣ, паҳншавӣ, энтомоакарифагҳо ва усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳоро таҳқиқ намуда, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ Давлатзода О.М. дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда, исбот намудааст, ки таркиби намудии зараррасонҳои анор аз ҷиҳати систематикӣ гуногун буда, ба анор дар маҷмуъ 32 намуд ҳашарот ва 6 намуди канаҳо осеб мерасонанд. Инчунин аз ҷониби муаллиф оид ба хусусиятҳои биоэкологӣ, махсусияти ғизогирӣ, марҳилаи зараррасонӣ, динамикаи шумора ва паҳншавии намудҳои хавфноки зараррасони анор, фенологияи оташаки анор ва ширинчаи анор, осебпазирии навъҳои анор аз оташаки анор маълумотҳои нави илмӣ пешниҳод карда шудааст. Дар анорбоғҳо 24 намуди энтомоакарифагҳо ба қайд гирифта шудааст. Ҳамчунин диссертант бар зидди зараррасонҳои анор чораҳои муборизаро таҳия ва пешниҳод намудааст. Ҳамин тариқ натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, аҳаммияти назаррас доранд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаю тавсияҳои диссертатсия дар асоси таҳқиқотҳои бисёрсола, коркарди маводди ҷамъовардашуда, мушоҳида ва гузаронидани таҷриба натиҷагирӣ карда шуданд. Таҳқиқоти анҷомшуда омӯзиши амиқи маҷмуи зараррасонҳои анорро дар бар мегирад. Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю тавсияҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида, дар сатҳи илмӣ ва ҷавобгӯ ба талабот ифода ёфтааст.

Зимни таҳқиқот унвонҷӯ бори аввал таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор – *Punica granatum* L.- ро дар қисмати

Тоҷикистони Ҷанубӣ аниқ ва мавқеи таснифии онҳоро муайян намудааст. Аз натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки зараррасонҳои анор ба 2 синф, 6 қатор, 17 оила, 28 авлод ва 38 намуд мансуб мебошанд. Зимни таҳқиқот 24 намуди энтомоакарифагҳои зараррасонҳои анор низ муайян карда шудааст.

Ҳамчунин хусусиятҳои биоэкологӣ, мавсим, марҳилаи осебрасонӣ ва зимистонгузаронӣ, махсусияти ғизогирии зараррасонҳои анор, хусусиятҳои зараррасонии онҳо дар қисмҳои гуногуни буттаи анор муайян карда шудааст.

Дар рафти таҳқиқот унвончӯ бо мақсади коҳиш додани шумораи зараррасонҳои анор дар асоси таҷриба самаранокии биологии инсектитсидҳо ва акаритсидҳои навро муайян намудааст. Дар диссертатсия оид ба самаранокии инсектитсидҳо ва акаритсидҳои Сипар-Т, 250 ЭК, Кинмикс, 50 ЭК, Нурелл-Д,550 ЭК ва ғайра маълумотҳо оварда шуда, натиҷаи самаранокӣ дар шакли ҷадвал, рақаму нишондиҳандаҳо ва фоизнокӣ оварда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҷиҳати ба роҳ мондани мубориза бар зидди зараррасонҳои асосии анор, коҳиш додани шумораи онҳо ва истифодаи инсектитсид ва акаритсидҳои нав, истифодаи усулҳои, механикӣ, биологӣ ва агротехникӣ тавсияҳо пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои ба дастовардашударо метавон дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хадамоти фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо, курси лексияҳо аз фанҳои энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, энтомологияи ҷангал ва таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ба таври васеъ истифода намуд.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Дар рисола 27 расм ва 14 ҷадвал пешниҳод гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 160 номгӯй, аз ҷумла 16 асари муаллифони хориҷӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзу предмет)-и таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои

диссертатсия интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Дар боби якуми рисола, муаллиф дар асоси таҳлили адабиёт оид ба хусусиятҳои биоэкологии анор, паҳншавӣ, навъҳо ва аҳаммияти хоҷагии анор маълумот оварда шудааст ва он аз 2 – зербоб иборат аст.

Боби дуюми рисола аз 5 – зербоб иборат буда ба тавсифи мухтасари шароити табиию ҷуғрофии қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ оид ба ҷойгиршавии минтақаи мавриди таҳқиқот, релеф, хусусиятҳои иқлимӣ, хок, ҳавзаҳои обӣ ва гуногунии наботот маълумоти умумӣ пешниҳод намудааст.

Дар боби сеюми рисола мавод ва усулҳои таҳқиқот оварда шудааст. Дар рафти таҳқиқот аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ мавод ҷамъоварӣ шудааст. Макони гузаронидани таҳқиқоти доимӣ (статсионарӣ) ва муваққатӣ дар шакли харита бо аломатгузорӣ ва ишораҳои шартӣ аз ҷониби диссертант нишон дода шудааст.

Дар боби чоруми рисола натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ оварда шудааст, ки он аз 14 – зербоб иборат буда, оид ба таркиби намудӣ ва хусусиятҳои биоэкологии зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) маълумот оварда шудааст. Муайян карда шудааст, ки зараррасонҳои анор аз рӯйи мавқеи таснифӣ ба 2 синф (ҳашарот ва тортанакшаклон) 6 қатор, 17 оила, 28 авлод ва 38 намуд мансуб мебошанд. Ҳамзамон дар боби мазкур дар бораи хусусиятҳои биоэкологӣ, тарзи ғизогирӣ, паҳншавӣ ва осебрасонии 7 намуд ҳашарот: Ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass., кирмаки Комсток – *Pseudocaccus comstocki* Kuw, Оташаки анор – *Euzophora punicaella* Morr., Гамбусаки тӯронӣ – *Epicometis turanica* Peitt., Гамбусаки зарарнок – *Polyphylla adspersa* Motsch., Гамбусаки гарданкӯтоҳ – *Capnodis tenebricosa* Ol., Сафедболаки тамоку – *Bemisia tabaci* Genn. ва 3 намуди канаҳо: канаи сурхи мевагӣ – *Panonychus ulmi* Koch., тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch. ва канаи анор – *Tenuipalpus punicae* Prit.Et. Bak. аз ҷониби унвонҷӯ маълумот оварда шудааст.

Маълум кардааст, ки аз ҳама бештар дар байни зараррасонҳо намудҳои полифаг зиёд (34 намуд) мебошанд. Вобаста ба хусусияти зараррасонӣ, бошад зараррасонҳои анорро ба гурӯҳҳои зерин тасниф намудааст:

I.Зараррасонҳои баргу муғча 25 намуд (66%); II. Зараррасонҳои гул 1 намуд (3%); III. Зараррасонҳои мева 2 намуд (5%); IV. Зараррасонҳои поя ва навда: 2 намуд (5%); V. Зараррасонҳои реша: 3 намуд (8%); VI. Зараррасонҳои барг, гул, муғча ва мева: 5 намуд (13%).

Дар ин боб дар бораи фенологияи оташаки анор ва осебпазирии навъҳои анор аз аташаки анор, фенология ва зараррасонии ширинчаи анор, кирмаки Комсток дигар зараррасонҳои асосӣ маълумот оварда шудааст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии илмӣ оид ба таркиби намудӣ, сохтор, паҳншавӣ, таҳлили ситематикӣ, рӯйхати таксономии зараррасонҳо аз ҷониби диссертант матраҳ гардидааст.

Боби панҷуми рисола ба таҳия, коркард ва истифодаи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои анор бахшида шуда, аз 7 – зербоб иборат аст. Диссертант аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада маълум кардааст, ки дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ 24 намуди энтомоакарифагҳо дучор мешаванд, ки онҳо ба 6 қатор, 9 оила ва 18 авлод мансубанд. Нақши баъзе аз намудҳои энтомоакарифагҳо дар танзими шумораи зараррасонҳои анор дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф ошкор карда шудаст.

Зимни таҳқиқот аз ҷониби муаллифи диссертатсия инсектитсидҳо ва акаритсидҳои нави кимиёвӣ: аз қабили Сипар-Т.250 ЭК, Кинмикс, 50 ЭК., Данитол, 100 ЭК (муқоисавӣ), Нурелл- Д,550 ЭК., Талстар - 100 ЭК., Омайт, 570ЭК., Митак, 200ЭК (муқоисавӣ)., Фастак, 100 ЭК. бар зидди зараррасонҳо истифода гардидааст. Дар ин боб унвончӯ дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои гузаронидашудаи худ самаранокии усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳоро пешниҳод намудааст.

Дар боби шашум баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки ба омӯзиши ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо анҷом дода шудааст.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.

Маълумоти дар натиҷаи кори илмӣ бадастомада доир ба гуногунии таркиби намудии зараррасонҳо дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ барои фаунаи Тоҷикистон аҳаммияти муҳими илмӣ доранд. Муҳиммии кор дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал оид ба таркиби намудии зараррасонҳои анор ва энтомоакарифагҳои онҳо маълумот ба даст оварда шудааст. Самаранокии инсектитсид ва акаритсидҳои нав нишон дода шудааст. Ошкор намудани махсусияти ғизогирии зараррасонҳо барои коркарди дурнамои усулҳои мубориза тавсия карда мешаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои истифода дар раванди тадриси фанҳои энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, ҳимояи растаниҳо, таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ дар факултетҳои биологӣ ва кишоварзии Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода карда мешаванд. Натиҷаҳои диссертатсия метавонад ҳамчун заминаи мавод дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, методӣ ва лексияҳо дар раванди тадриси

фанҳои энтомологияи, умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, муҳофизати олами ҳайвонот, таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ истифода гардад.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот анҷомшуда, аз имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти захираҳои табиӣ, усулҳои самараноки мубориза бар зидди зараррасонҳо барои ба даст овардани ҳосили баланди анорбоғҳо ва дар коҳиш додани динамикаи шумораи зараррасонҳо бармеояд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот муаллиф 30 корҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Нашри мақолаҳои илмӣ дар чунин маҷаллаҳои илмӣ ифодагари сатҳи баланди аҳамияти илмӣ доштани таҳқиқот мебошад.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида. Диссертатсия аз рӯйи муҳимии худ, мавзуъ, мақсад, вазифа, сохтор, ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳо ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёде, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» баъзе камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия доир ба мавзуъ иқтибосҳо аз олимону муҳаққиқони ватанӣ кам оварда шудааст.

2. Диссертант дар боби дуюми диссертатсия доир ба шароити табиии минтақаи омӯзиш маълумот пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ки аз ҷониби диссертант маълумотҳо дар шакли ҷадвал ё диаграмма пешниҳод мегардид, ки он мазмун ва аҳаммияти ин бобро боз ҳам беҳтар менамуд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе аз хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ мушоҳида карда мешаванд, ки онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва ба сифати матни диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонанд.

4. Ҳангоми таҳияи диссертатсия доир ба ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор маълумот оварда шудааст, аммо аз чӣ сабаб бошад, дар бораи касалиҳои анор маълумот оварда нашудааст. Хуб мебуд, ки дар бораи барангезандаҳои касалиҳои анор маълумот пешниҳод менамуд ва ин боз ҳам арзиши амалии таҳқиқотро баландтар менамуд.

5. Дар диссертатсия баъзе аз номҳои энтомоакарифагҳо бо забони лотинӣ дарҷ гардидаанд. Хуб мешуд, ки дар барорбари номи лотинӣ номи тоҷикии онҳо низ нишон дода мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, аҳаммияти илмию амалии диссертатсияи унвончӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббатро коста намегардонад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои биологӣ, профессор,
мудири кафедраи зоология ва физиологияи
одаму ҳайвоноти факултети биология ва химияи
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Б. Ғафуров **Мирзобаҳодур Шаҳноза Раҳмон**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
«14» 11 соли 2026

Имзои Мирзобаҳодур Ш.Р.-ро
тасдиқ менамоям: И.в. сардори РК ва
КМ МДТ “ДДХ ба номи
акад. Б.Ғафуров” **Наврӯззода Эҳсон Мамур**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Почтаи электронӣ: n.ehson.@mail.ru
«16» 11 соли 2026